# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-005 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**«19» ноябри 2020 с.** **ш. Душанбе**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати профессорон:

1.Саидов А. (раис)

2.Қобилова Б.Т. ( узви ҳайат)

3.Бобомуллоев С. (узви ҳайат)

Рисолаи Сафаров Холмад Хоркашович «Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» (Проблемам омӯзиши этнографӣ), ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, таҳкиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи муайяншуда ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои таърих мутобиқат мекунад. Муаллиф дар рисолаи хеш омӯзиши таърих, ҷуғрофия, кишоварзӣ, ҳунармандӣ, хӯрокпазӣ, ҷашну маросимҳо ва соҳаи варзишии ноҳияи Роғро дар асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Омӯзиши таъриху фарҳанг , ҷашну маросимҳо ва ҳунару машғулиятҳои анъанавии пешин ва ҳозира бахши муҳими фарҳанги ҳар миллат мебошад.

Фарҳанги миллӣ ва минтақавӣ ба ҳамдигар таъсири мутақобила расонида якдигарро бою рангинтар мегардонанд. Бинобар ин омӯзиши таърих ва фарҳанги Роғ ҳамчун ҷузъи таҳқиқнашудаи як гӯшаи Тоҷикистон, ки он бо таърихи минтақаҳои ҳамсоя алоқаи зич дорад, аҳамияти калони илмиро дорост.

Муаллифи рисола ҳангоми таҳқиқот такя бар усулҳои маъмули омӯзиши таърихнигорӣ маводи маъхазҳои боэътимоди таърихиро аз назари танқидӣ таҳлил намуда макони таърихии Роғро муайян намудааст.

Сафаров Холмад Хоркашович бори нахуст проблемам мардумшиносии Роғро ба миён гузошта кӯшидааст, ки маълумотҳои кӯтоҳ ва парокандаи хаттии ба ин мавзӯъ

алоқамандро ҷамъоварӣ намуда ба бисёр паҳлӯҳои торики ин мавзӯъ равшани андозад.

Дар рисола ҳангоми баррасии масъалаи кишоварзии анъанавии мардуми кӯҳистони Роғ ва роғиҳои минтақаи Кӯлоб муаллиф аз маълумоти шифоҳии мардуми роғиҳои кӯҳансоли минтақаи Кӯлоб ба таври фаровон истифода намудааст.

Таҳқиқи мавзӯи мазкур аз он ҷиҳат муҳим аст, ки бо вуҷуди аҳамияти калони илмӣ доштан он то кунун мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст ва ин ҳолат мубрам будани мавзӯи мавриди таҳқиқро муайян мекунад.

Рисолаи Сафаров Холмад Хоркашович «Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» (Проблемам омӯзиши этнографӣ) аз муқаддима, панҷ боб, даҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ иборат аст.

Муаллиф дар боби аввал доир ба ҷуғрофия ва сохтори маъмурии Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX маълумот дода проблемаи Роғи Бадахшон ва роғиҳои минтақаи Кӯлобро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюми рисола ба масъалаи кишоварзии ин минтақа бахшида шудааст. Дар бобҳои дигари рисола вазъи ҳунармандӣ, тиҷорат, хӯрокҳои анъанавӣ ва анъанаву маросимҳои миллии Роғ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи рисола бар мабнои таҳлили доираи васеи омӯзиши манбаъҳои гуногун фарҳанги кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва ҷашну маросимҳои мардуми Роғро мавриди баррасӣ қарор дода хулосаҳои муҳими илмӣ баровардааст.

Натиҷаи ин таҳқикро метавон ба ҳангоми баррасиҳои таърихнигории ин ва ё он даври таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин барон навиштани асарҳои ҷамъбастӣ доир ба таърих, мардумшииосӣ ва энсклопедияҳо истифода кард.

Мазмуни асосии рисола дар ҳашт мақолаи муаллиф, ки чортои он
дар маҷаллаҳои илмие, ки дар феҳристи КОА Вазорати маориф ва илми
Федератсияи Русия ва КОА Дастгоҳи иҷроияи Президента ҶТ вориданд, баён шудааст.

Рисолаи номзадии Сафаров Холмад Хоркашович «Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» (Проблемам омӯзиши этнографӣ) аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи мукаррарнамудаи Дастури КОА Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳом номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология сазовор аст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафаров Холмад Хоркашович «Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» (Проблемам омӯзиши этнографӣ) ба ихтисоси 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад: Рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафаров Холмад Хоркашович «Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» (Проблемам омӯзиши этнографӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология ба ҳимоя тавсия дода шавад.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик

Б.Ғафуров пешниҳод мегардад.

Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

а)Валиев Абдусалом. доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи Тоҷикистону Россия (Славянӣ).

б)Сайнаков Сайнак Парпишоевич, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Саидов А.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Қобилова Б.Т.**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Бобомуллоев С.**

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:

Сардори шӯъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ Г.Файзуллоева